**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Дар шароити муосир демократикунонӣ ва башардӯстона гардонидани ҷараёни таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот шароити мусоидеро барои инкишофи мунтазами низоми таълим таъмин менамояд. Демократикунонии таълим ва тарбия роҳро барои тасдиқ намудани арзишнокии ин раванд дар ташаккули шахсият ба рӯи мо кушода мегардонад.

Унвонҷӯ Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» кори таҳқиқотӣ гузаронида, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст.

Дар ин асос мақсади таҳқиқотро муайян намудааст, ки асоси таҳқиқоти мазкур омӯзиш ва пажӯҳиши роҳҳои самараноки демократикунонии раванди таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯён ба шумор меравад.

Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву методӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро дар раванди таълим муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёти мавриди таҳқиқ иборат аст.

Дар муқаддима зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидаанд. Инчунин, маълумот дар бораи марҳилаҳои

таҳқиқот, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои он оварда шуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот мушаххас гардида, сохтору ҳаҷми рисола нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони **«Демократикунонии раванди таълим дар ташаккули салоҳият ва иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ»** ба масъалаи демократикунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ омили асосии ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён бо иҷтимоишавӣ ва мавқеи мақомоти худидоракунии донишҷӯён дар иҷтимоишавии онҳо бахшида шудааст.

Муаллиф дар ин боб қайд мекунад, ки истифодаи роҳу усулҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим яке аз масъалаҳои муҳими соҳа маҳсуб меёбад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **“Омодагии касбии омӯзгорони оянда ба демократикунонии муносибат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ”** ба масъалаҳои мазмуни таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди демократикунонии таълим ва тарбия ба иҷтимоишавии донишҷуён ва муносибати босалоҳият, нақшаҳои таълимӣ, барнома, дастурҳои таълимӣ методӣ ва китоби дарсӣ дар мувофиқа бо талаботи иҷтимоишавии донишҷуён рӯ оварда, ҳамзамон ба корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқот бахшида шудааст.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши мушкилотии масоили ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим дар кори таҳқиқотӣ бори аввал аз нуқтаи назари педагогӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим имконият фароҳам меорад, ки шасияти ҷавонон ҳамаҷониба ташаккул дода шавад.

Бояд гуфт, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ кор карда шудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021,

№267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферктҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
директори Маркази ҷумҳуриявии
таълимӣ-методии назди
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода Шавкат

20.06.2025

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735034, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи А.Дониш 50. Тел.(+992) 93 8039392; E-mail: tmetodi@mail.ru

Имзои Каримзода Шавкатро тасдиқ мекунам.

Нозири кадрҳои МҶТМ М. Шарипова